# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ибрагимов Одилжон Комилжонович дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар ҷараёни таълим (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)

Ба асри XXI гузариши босуръат аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ хос аст ва ин гузариш тақозо менамояд, ки раванди таълим ба принсипҳои салоҳиятнокии касбӣ мутобиқ гардонида шавад. Системаи маорифи Тоҷикистон низ дар шароити кунунии рушди ҷомеа дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус таҳсилоти олии касбӣ, бо нигаҳдории дастовардҳои қаблии хеш, бар пояи имкониятҳои бавуҷудомадаи гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот, муносибати босалоҳиятро ба таълими донишҷӯён роҳандозӣ карда истодааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои хеш пайваста оид ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим таъкид менамоянд. Аз ҷумла, ӯ дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2018) «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавонон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ, ибрози андеша намуда, қайд мекунанд: «Мо ба соҳаи илму маориф эътибори аввалиндараҷа дода, ислоҳотро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бомаром идома медиҳем».

Дар таҳқиқоти мазкур масъалаи асосҳои методии истифодаи технологияҳои мултимедиавӣ дар ҷараёни таълим масъалаи марказӣ буда, таваҷҷуҳи олимони дохилӣ ва хориҷиро ҷалб намудааст. Ҷомеаи иттилоотии муосир ба ҷараёни иттилоотонидан, рушди технологияҳои иттилоотӣ (ТИ) ва технологияҳои компютерӣ алоқаманд мебошад.

Корҳои илмии донишмандони хориҷӣ М.Б. Алексеева, С. Н. Балан, О.В. Бондаренко, И.Е. Вуйлова, А.В. Зуюнов, А.А. Казаков, Е.Н. Иншакова, Р.Е. Мичкасов, Г.Ж. Отеген, Л. Акзулла, С.И. Туреханова, Г.Б. Половина, Н.В. Пригарин, В.А. Красилникова ва дигарон ба масъалаи татбиқ ва истифодаи технологияҳои мултимедиавӣ бахшида шудаанд.

Маълум аст, ки таълими анъанавии фанҳои табиатшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурии мо ба азхудкунии пайваста ва пайдарпайи дониш асос ёфта, ба қобилияти репродуктивии донишҷӯ бо

назардошти иқтидори шахсӣ ва эҷодӣ такя мекунад. Воқеият дар он аст, ки мутахассиси баландихтисоси муосирро зарур меояд, дар шароити мураккаб ва босуръат тағйирёбандаи пешрафтаи илмию техникӣ кор кунад. Ин аз ӯ пайваста такмил додани дониш, фазилати олии умумиро талаб мекунад, ки бо донишҳои амиқи махсус, малакаҳои гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ва муносибати эҷодӣ ба фаъолияти касбии онҳо тавъам мешавад. Мутахассисони ҷавони муосири дорои таҳсилоти олӣ, ки қобилияти худидоракунии эҷодӣ доранд, бояд барои ҳалли мушкилоти нави касбие омода бошанд, ки ҳалли ғайристандартии эҷодиро талаб мекунанд. Ва агар дониши амиқ ба таҳкурсии омодасозии насли нави мутахассисони салоҳиятдор маҳсуб ёбад, пас такягоҳе, ки ба онҳо дар фаъолияти меҳнатии ҳаррӯза бартарӣ медиҳад, фаъолияти эҷодӣ ба ҳисоб меравад. Ин худ гувоҳи он аст, ки феълан зарурати таҳқиқи рушди эҷодкории донишҷӯён тавассути технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Усулҳои таҳқиқотро ҳамкории бевоситаи амалии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо объекти таҳқиқшаванда ташкил медиҳад, ки дар ин асос барномаи кории таҳқиқот таҳия карда шуд, ки он ташкили гурӯҳҳои таҷрибавиро барои муқоисакунӣ, тавсиф, тасниф, ҷустуҷӯ ва натиҷагирии мақсади таҳқиқот дар бар мегирад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот:

- бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои методии таълими мултимедиавӣ мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтааст;
- мафҳуми таълими мултимедиавӣ шарҳ дода шуда, нақши технологияҳои мултимедиавӣ дар дигаргуншавии методикаи таълим нишон дода шудааст;
- муайян карда шудааст, ки асосҳои методии татбиқи технологияҳои мултимедиавиро дар ҷараёни таълим таъминоти мултимедиавӣ, салоҳиятҳои иттилоотӣ ва методии омӯзгор ташкил медиҳанд;
- нишон дода шудааст, ки технологияҳои мултимедиавӣ дарсро бо аёният ва намоишномаҳои таълимӣ таъмин менамоянд;
- муайян карда шудааст, ки технологияҳои мултимедиавӣ чун яке аз намудҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ роҳ ёфта, таъмини омӯзиши он бар дӯши на фақат омӯзгорони фанҳои информатика, балки бар дӯши омӯзгорони ҳамаи фанҳост;
- нишон дода шудааст, ки маданияти иттилооти (салоҳиятҳо)-и омӯзгор барои иттилоотонидани таълим муҳим мебошад;
- омилҳое ошкор карда шудааст, ки барои ташкили рафти методии таълими мултимедиавӣ халал мерасонанд;

- бори нахуст хусусиятҳои татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар дарси математика баррасӣ карда шудааст;
- нишон дода шудааст, ки санҷиши ҷараёни таълим бо татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ самараноктар аст;
- татбиқи журнали электронӣ дар раванди таълим асоснок карда шудааст;
- ҳолатҳои татбиқи телефони мобилӣ дар раванди таълим пешниҳод карда шудааст;
- методҳои истифодаи барномаҳои дарс-намоишсозӣ ва компютерӣ-назоратии натиҷаи дониши субъекти таълимӣ пешниҳод ва роҳҳои созиши маҳсулоти мултимедиавии таълим баррасӣ карда шудааст.

Саҳми шахсии довталаб дар мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар ҳаллу фасли мавзуъ, таҳқиқоти назариявӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба мафҳуми мултимедиа ва таҳқиқи таърихии он, таҳияи методҳои дарси мултимедиавӣ, доир кардани озмоиши педагогӣ, сохтани аёниятҳои таълимӣ ва татбиқи онҳо дар ҷараёни таълими озмоишӣ, таҳияи саволномаҳои тестӣ барои фанҳои таълимӣ, озмоиш, таҳлил, хулосаҳо ва ҷамъбаст ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 18 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4-тоашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил дода, 2-тоашро васоити таълимӣ - методӣ, 1 - тоашро барномаи таълимии фанни «Технологияҳои мултимедиавӣ», 11-тои боқимондаашро маводи конференсияҳои илмӣ ташкил медиҳанд, ки аз ин 3-тоаш маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ мебошанд.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Бо вуҷуди бартариятҳои номбаршуда дар автореферат баъзе камбудиҳо ҷой доранд, масалан, автореферат на ҳамаи фаслҳои диссертатсияро ба пуррагӣ фаро гирифтааст. Ҳарчанд, ки ин ба мазмуни илмии автореферат халали ҷиддӣ намерасонад.

Илова бар ин тавсия дода мешавад, ки довталаб дар таҳқиқотҳои оянда ба истилоҳҳои «технологияҳои чандрасонаӣ» ва «технологияҳои рунамосозӣ» рӯ оварад.

Ҳамин тариқ, мувофиқати диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мешавад. Дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Ибрагимов Одилжон

Комилжонович дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар ҷараёни таълим (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба бандҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ибрагимов О.К. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент,
мудири кафедраи технологияи иттилоотӣ
дар комплекси агросаноатӣ Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Баротов Дилшод
Абдуллоевич

Имзои номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Баротов Д.А.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур Раджабова Н.А.

## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Ибрагимов Одилжон Комилжонович дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар ҷараёни таълим (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)

Дар шароити рушд ва татбиқи технологияҳои мултимедиавии (ТМ) таълим дар назди омӯзгорони имрӯза ду масъала:аввалан истифодаи ТМ ҳамчун як намуди ТИК ва баъдан салоҳиятҳои татбиқи ин технологияҳо дар ҷараёни таълим истодаанд. Бинобар масъалаи мазкур барои олимону методистони соҳаи методикаи таълим ва педагогика масъалаи доғи рӯз мебошад. Чунки методикаи таълим ба гуногунии худ нигоҳ накарда,ба татбиқи технологияҳои тезташаккулёбандаи навини иттилоотии таълим вобаста мебошад.

Мақсади асосии тадқикоти диссертатсионӣ аз пешкаш намудани асосҳои методии ташкили ҷараёни таълим бо истифода аз технологияи мултимедиавӣ иборат мебошад. Инчунин, дар кори илми методикаи истифодаи ин навъи технологияҳо дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон пешниҳод мегардад.

Масъалаи истифодаи самараноки воситаҳои мултимедиавии ҷараёни таълим масъалаи асосии тадқиқоти диссертатсия буда, муносибати босалоҳият ба таълимро ташкил медиҳад,ки дар асоси он дар субъектҳои таълим (омузгорони оянда) маданияти иттилооти тезташаккулёбанда ва эҷодӣ ба вуҷуд меояд ва ин аз мубрамияти мавзӯи тадқиқот шаҳодат медиҳад.

*Дар муққадимаи диссертатсия* муаммои таълими мултимедиавӣ, аҳамияти он дар таълими имрӯза, мубрамият ва муҳимияти масъалаи омухташаванда асоснок карда шудааст ва нуктаҳои асосии дигари диссертатсия оварда шудаанд.

*Боби аввали диссертатсия* «Асосҳои таърихии воридшавии технологияҳои мултимедиавӣ-ҳамчун воситаи нави таълим ва мавқеи он дар иттилоотикунонии қараёни таълим» ном дошта, аз се бахш иборат аст.

*Боби дуюми диссертатсия* «Технологияҳои мултимедиавӣ таълим ва масъалаҳои татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон» номида шуда, низ аз 3 бахш иборат аст.

Педагогика ва методикаи таълим кайҳо боз бозиҳои дидактикиро дар таълим истифода менамояд,аммо бозиҳои компютерӣ ҳанӯз кам истифода

мегарданд, махсусан таҷрибаи истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кам ба назар мерасанд.

Бозиҳои компютерӣ бозиҳое мебошанд, ки бо истифода аз компютер доир карда мешаванд ва азбаски дар бозӣ намоиш ва расму ҳаракатҳо зиёданд, пас ин бозиҳоро мултимедиавӣ меноманд. Дар раванди бозии мултимедиавӣ қобилияти даркии хонанда бедор шуда, кӯшиши бурди бозӣ бар ӯ асар менамояд.

*Пойгоҳи тадқиқот.* Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки корҳои таҷрибавӣ-озмоишии тадқиқот дар гурӯҳҳои таҷрибавии МТОК Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлатии Данғара анҷом дода шудаанд. Дар таҷрибаҳои тадқиқотӣ 9 гурӯҳ ҷалб карда шуданд.

Усулҳои тадқиқотро ҳамкории бевоситаи амалии муаллифи диссертатсия бо объекти тадқиқшаванда ташкил медиҳад, ки дар ин асос барномаи кории тадқиқот таҳия карда шудаст. Он ташкили гурӯҳҳои таҷрибавиро барои муқоисакунӣ, тавсиф, тасниф, ҷустуҷӯ ва натиҷагирии мақсади тадқиқот дар бар мегирад.

Саҳми шахсии довталаб дар мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар ҳаллу фасли мавзӯъ, тадқиқоти назариявӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба мафҳуми мултимедиа ва тадқиқи таърихии он, таҳияи методҳои дарси мултимедиавӣ, доир кардани озмоиши педагогӣ, сохтани айёниятҳои таълимӣ ва татбиқи онҳо дар ҷараёни таълими озмоишӣ, таҳияи саволномаҳои тестӣ барои фанҳои таълимӣ, озмоиш, таҳлил, хулосаҳо ва ҷамъбаст ифода ёфтааст.

*Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот.* Натиҷаҳои дар диссертатсия ба даст оварда шуда, ба дастовардҳои олимони соҳаи методикаи таълими информатика дар саросари ҷаҳон такя мекунад. Аз ин равия дар диссертатсия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудааст: нақши технологияҳои мултимедиавӣ дар баланд бардоштани сифати таълим; таҳлили асосҳои методии ҷараёни таълим дар чаҳорчӯбаи истифода аз технологияҳои мултимедиавӣ; мутобиқати вазифаҳои гузошташуда бо методҳои тадқиқот; иштироки довталаб дар иҷрои корҳои таҷрибавӣ; нишон додан ва собит намудани бартарияти методикаи таълими мултимедиавӣ; асосноккунии асосҳои методии ҷараёни таълим, натиҷаи озмоишҳои педагогӣ.

Бо вуҷуди бартариятҳои номбурда дар автореферат баъзе хатогиҳои услубӣ ва техникӣ ҷой доранд, вале ин камбудиҳо ҷиддӣ набуда, ба мазмуни илмии он таъсир намерасонанд.

Хулоса, аз мазмуни автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки

диссертатсияи Ибрагимов Одилҷон Комилҷонович ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 30.06.2021 с., таҳти №267, замимаи 2) мувофиқ аст. Дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Ибрагимов О.К. дар мавзӯи «Асосҳои методии татбики технологияҳои мултимедиавӣ дар ҷараёни таълим (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба тавсияҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷавобгӯ аст. Бинобар ин меҳисобам, ки муаллифи он Ибрагимов О.К. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дакиқ (информатика) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи технологияи информатсионӣ
ва коммуникатсионии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ — Назаров Аҳтам Пулотович

(тел. 91-962-4444, email: ahtam_69@mail.ru)

Имзои Назаров А.П. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — А. Мустафозода

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Ибрагимов Одилжон Комилжонович дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар чараёни таълим (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)

Дар автореферати диссертатсияи Ибрагимов Одилжон Комилжонович масъалаҳое асоснок мешаванд, ки бо татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар таълим алоқаманд аст. Пеш аз ҳама аз гуфтаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқтибос оварда мешавад. Ҷаноби олӣ қайд мекунанд, ки ба «...омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ бояд диққати аввалиндарача дода шавад» ва ин ки «... роҳбарони муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи дониш ва касбияти омӯзгорон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, бахусус, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёнаи касбӣ, такмили ихтисосу бозомӯзӣ ва тарбияи омӯзгорони чавони баландихтисос ва ба талаботи замона ҷавобгӯй дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот эътибори аввалиндарача диҳанд». Гуфтаҳои Пешвои миллатамон ва талаботи низоми маориф ва илми кишварро ба инобат гирифта, дар асоси мавҷудияти масъалаи зиёди татбиқи технологияҳои номбурда дар раванди таълим, диссертатсияи мазкур амали саривақтӣ мебошад. Чун аз мазмуни автореферат дида мешавад, ки таҳқиқот масъалаҳои мубрами рӯзро дар бар гирифтааст.

Дар ҳақиқат мо дар замони тағйиротҳои ҷиддӣ дар соҳаи инттилоотикунонии маълумот қарор дорем. Олимони зиёде дар атрофи татбиқи ТМ дар таълим таҳқиқотҳои илмӣ бурдаанд ва бурда истодаанд. Нисбати омӯзгорони замони нав талаботҳои зиёде оид ба ҳамарӯза азхудкунии ин технологияҳо ба вуҷуд меояд. Пеш аз он ки омӯзгор таълим диҳад ва технологияҳои навини иттилоотиро дар таълим татбиқ намояд, бояд пеш аз ҳама худ донад ва ҳамарӯза бо ҷараёни технологияҳои тезинкишофёбандаи таъминоти барномавии таълимӣ шинос гардад. Ин зарурат ба воситаи автореферати диссертатсияи Ибрагимов О.К. нишон дода шуда, асоснок карда шудааст.

Дар натиҷаи ҳамарӯза ивазшавии восита ва таҷҳизоти таълим методикаи таълим иваз мегардад.

Дар ҳақиқат ТМТ имконият медиҳад, ки ба методҳои анъанавии таълим методҳои нав илова карда шавад. Ин навъи технологияҳо ҳамчун воситаи дидактикии таълим баромад намуда, татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар ҷараёни таълим ба роҳ мемонанд.

Технологияҳои мултимедиавии таълим чунин технологияҳое мебошанд, ки ҷараёни таълимро бо аёниятҳо ва маводи намоишии таълимӣ таъмин менамоянд. Методҳои аёнии таълим дар муқоиса ба дигар методҳо дарсро самаранок мегардонанд: ҷараёни таълимро шавқовар ва диққатҷалбкунанда гардонида, боиси пайдоиши маҳорат, малака ва тафаккури эҷодии субъекти таълимӣ мегарданд. Ин аст, ки технологияҳои мултимедӣ (ТМ) ҳарчи бештар ҳам аз тарафи низоми маориф ва илм ва ҳам аз тарафи аҳли ҷомеа пазируфта шуда истодаанд.

Дар назди омӯзгорони имрӯза ду масъала: якум, истифодаи ТМ ҳамчун як намуди ТИК ва дуюм маданият (салоҳиятҳо) - и татбиқи ин технологияҳо дар ҷараёни таълим истодаанд. Бинобар ин, масъалаи мазкур барои олимону методистони соҳаи методикаи таълим ва педагогика масъалаи доғи рӯз мебошад. Чунки методикаи таълим ба гуногунии худ нигоҳ накарда, ба татбиқи технологияҳои тезташаккулёбандаи навини иттилоотии таълим вобаста мегардад.

Масъалаи истифодаи самараноки воситаҳои мултимедиавии ҷараёни таълим масъалаи асосии таҳқиқоти диссертатсия буда, муносибати босалоҳият ба таълимро ташкил медиҳад, ки дар асоси он дар субъектҳои таълим (омӯзгорони оянда) маданияти иттилоотии тезташаккулёбанда ва эҷодӣ ба вуҷуд меояд ва ин аз мубрамияти мавзуи таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар масъалаи методикаи таълим бо истифода аз технологияҳои мултимедиавӣ ба принсипҳо, технологияҳо ва методҳои таҳқиқотии илмие такя шудааст, ки онҳоро олимони соҳаи педагогика ва методикаи таълими кишвар низ истифода намудаанд.

Аз ҷумла аз асарҳои олимони хориҷӣ, ба монанди Аванесов В.С., Алимухамедов М.Р., Анисимова Н.С., Бабенко Т.А., Белякова Г.В., Егорова Ю.Н., Клемешева Н.В., Красильникова В.А., Ляшенко Т.В., Муромцева А.В. ва олимони ватанӣ, ба монанди Бобоева Ш.Ҳ., Гулмонов У.Р., Джураева О.В., Икромова И.У., Камолова Б.Б., Каримов И.И., Мирзоев А.Р., Файзализода Б.Ф., Холов А.А., Сафаров С.С. истифода шудааст, ки баҳри диссертатсия заминаи илмию методологӣ мебошанд.

Инчунин, асосҳои методологии таҳқиқотро ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба соҳаи маориф ва суханрониҳои Пешвои миллат ташкил медиҳанд, аз он ҷумла: Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 ва аз 21.12.2021, «Низомномаи ташкили таҳсили кредитӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбии Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015», «Ба мақсади таъмини болоравии сифати таълим, сафарбар намудани донишҷӯён барои идомаи таҳсил дар хориҷи кишвар ва воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи таҳсилоти умумиҷаҳонӣ», «Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳуриявӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимию илмӣ-таҳқиқотӣ барои солҳои 2011-2015», «Барномаи амалӣ намудани ТИК дар МТУ Ҷумхурии

Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022», «Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимии умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020» ва монанди инҳо.

Аз мазмуни автореферат фаҳмида мешавад, ки диссертатсия масъалаҳои зиёди раванди таълими мултимедиавиро дар бар гирифтааст.

Бо вуҷуди ин дар автореферат баъзан камбудиҳо ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро меафзояд. Аммо бояд қайд кард, ки онҳо бештар ба хатоиҳои техникӣ алоқаманданд ва ба муҳтавои умумии кор таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Муаллиф баъдан дар вақти таҳияи монографияи кори илмии худ ба онҳо диққат дода метавонад.

Дар хулоса метавон қайд кард, ки фишурдаи диссертатсия ба талаботи умумии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ибрагимов Одилжон Комилжонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмхои педагогӣ,
и.в., дотсенти мудири кафедраи
мошинҳо,таҷҳизотҳои технологӣ
ва стандартонии ДТМИК. Наимов У.Т.

Имзоҳи Наимов У.Т.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДТМИК. Шокиров Қ.Б.

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати роисолаи илмии Ибрагимов Одилжон Комилжонович дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар чараёни таълим (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақик (информатика)**

Дар автореферати диссертатсияи Ибрагимов Одилжон Комилжонович мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои таҳқиқот возеҳ баён гардидааст.

Мақсади таҳқиқот аз пешниҳод намудан ва асосноккунии методикаи таълим бо истифода аз технологияҳои мултимедиавӣ (ТМ) ва таҳияи методологияи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи татбики технологияҳои мултимедиавӣ дар таълими омӯзгорони оянда иборат мебошад.

Барои ҳаллу фасли масъалаи мавриди таҳқиқ вазифаҳои зерин гузошта шудааст: пешниҳоди шартҳои ташкили дарси мултимедиавӣ; асосноккунии методҳои намоишии таълим, ки ба истифодаи барномаҳои тести компютерӣ ва дарс-намоишҳои мултимедиавӣ равона гардидаанд; муайяннамоии мавқеи дарси мултимедиавӣ дар самаранок намудани раванди таълимӣ ва хусусиятҳои фарккунандаи он аз дарси анъанавӣ; санчиши салоҳиятҳои мултимедиавии омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон; дар асоси бозиҳои мултимедиавӣ ташкили дарсҳои мултимедиавӣ; коркарди барномаи таълимии курси «Технологияи мултимедиавӣ» барои донишҷӯёни ихтисосҳои омӯзгорӣ. Дар асоси пешниҳоди дарсҳои намунавии мултимедиавӣ омода намудани омӯзгорони бо салоҳиятҳои мултимедиавӣ таъминбуда.

Аз натиҷаҳои бадастомада маълум мегардад, ки тамоми вазифаҳои таҳқиқот амалан санчида шуда, асоснок гардидаанд. Объекти таҳқиқотро бошад, ташкил ва санчиши шакли таълими мултимедиавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон ташкил медиҳад.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ методҳои муқоиса, эвристикӣ-ҷустуҷӯӣ, илмӣ-маърифатӣ, проблемавӣ, барномавӣ, бозиӣ мантиқӣ, абстраксияи илмӣ, таҳлили оморӣ, аёнӣ, намоишӣ, назоратӣ-компютерӣ истифода шудааст.

Сарчашмаи маълумотро гиреҳҳои интернетӣ, асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, барномаҳои амалкунанда оид ба таъминоти техникию технологии раванди таълимӣ ва таҷрибаҳои гузаронидаи муаллиф дар МТОК-и вилояти Хатлон ташкил медиҳанд.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро ҳамкории бевоситаи амалии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо объекти таҳқиқшаванда ташкил медиҳад, ки дар ин асос барномаи кории таҳқиқот таҳия карда шуд, ки он ташкили гурӯҳҳои таҷрибавиро барои муқоисакунӣ, тавсиф, тасниф, ҷустуҷӯ ва натиҷагирии мақсади таҳқиқот дар бар мегирад.

Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳкикот дар гурӯҳҳои таҷрибавии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ва МДТ «Донишгоҳи давлатии Данғара» анҷом дода шудаанд. Дар таҷрибаҳои таҳқиқотӣ 9 гурӯҳ ҷалб карда шуданд.

Қисми назариявии таҳқиқотро омӯзиши аҳамияти татбиқи ТМ ва хусусиятҳои фарқкунандаи он дар ҷараёни таълими дилхоҳ фанни таълимӣ дар бар мегирад, ки аз ин маълумот омӯзгорон барои омода намудани маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ, барномаҳои корӣ ва муайян намудани самти фаъолияти таълимии худ истифода намуда метавонанд.

Методҳои хусусии таълим ва усулҳои истифодаи барномаҳои мултимедиавӣ, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, самаранокии ҷараёни таълимро баланд мебардоранд. Аз ин рӯ, омӯзгорони фанҳои гуногун ва донишҷӯёни ихтисосҳои омӯзгорӣ барои баланд бардоштани самаранокии таълим аз технологияи мултимедиавӣ ва усулҳои пешниҳодгашта ба таври васеъ истифода менамоянд.

Натиҷаҳои дар диссертатсия ба даст овардашуда, ба дастовардҳои олимони соҳаи методикаи таълим ва информатика дар саросари ҷаҳон такя мекунад. Аз ин равия дар диссертатсия масъалаҳои зерин мавриди баррасӣ қарор дода шудааст: нақши технологияҳои мултимедиавӣ дар баланд бардоштани сифати таълим; таҳлили асосҳои методии ҷараёни таълим дар чаҳорчӯбаи истифода аз технологияҳои мултимедиавӣ; мутобиқати вазифаҳои гузошташуда бо методҳои таҳқиқот; иштироки диссертант дар иҷрои корҳои таҷрибавӣ; нишон додан ва собит намудани бартарияти методикаи таълими мултимедиавӣ; асосноккунии методикаи таълими мултимедиавӣ, натиҷаи озмоишҳои педагогӣ.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки дар бадастории натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ муаллифи диссертатсия саҳми назаррас гузоштааст, ки аз интишороти ӯ бармеояд. Аз тарафи муаллиф як васоити таълимию методӣ, як барномаи таълимӣ дар ин самт ва 16 мақолаҳои илмӣ ба чоп расонида шудаанд, ки ба самти таҳқиқот такя мекунанд. Дар иҷрои корҳои таҷрибавӣ, натиҷагирии он ва пешниҳоди методҳои фаъоли таълим мавқеи Ибрагимов О.К. нишон дода шудааст.

Ҳаҷми диссертатсия ва номгӯи адабиёти истифодашуда назар ба талаботи низомномаи КОА назди Президенти ҶТ хеле зиёд буда, муҳтавои он аз методҳои гуногун бою ғанӣ аст. Аслан, методҳои намоишии таълим тавсиф, тарғиб ва пешниҳод гардидааст, ки барои таълими имрӯза дар асоси татбиқи ТМ навгонӣ мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаммои таълими мултимедиавӣ, аҳамияти он дар таълими имрӯза, мубрамият ва муҳиммияти масъалаи омӯхташаванда асоснок карда шудааст ва нуктаҳои асосии дигари диссертатсия оварда шудаанд.

Боби аввали диссертатсия «Асосҳои таърихии воридшавии технологияҳои мултимедиавӣ – ҳамчун воситаи нави таълим ва мавқеи онҳо дар иттилоотикунонии ҷараёни таълим» ном дошта, аз се фасл иборат аст:

1. Иттилоотикунонии ҷамъиятӣ ва таъсири он ба методҳои таълим;
2. Мафҳуми мултимедиа ва ҷиҳатҳои таърихии татбиқи он;
3. Мақсадҳои дидактикии таълими мултимедиавӣ.

Боби дуюми диссертатсия «Технологияҳои мултимедиавии таълим ва масъалаҳои татбиқи онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон» номида шуда, низ аз 3 фасл иборат аст:

1. Масъалаҳои марбут ба таъминоти технологӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон;
2. Талабот ба таҷҳизоти мултимедиавии ҷараёни таълим;
3. Барномаҳои таълимӣ - мултимедиавии ҷараёни таълим.

Боби сеюми диссертатсия «Методикаи татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар ҷараёни таълим ва таҷрибагузаронихо оид ба самаранокии онҳо» номгузорӣ шуда, аз 7 фасл иборат аст:

1. Татбиқи барномаи Bandicam дар омода намудани маҳсулоти мултимедиавӣ;
2. Методҳои ҳозираи назоратии ҷараёни таълим ва мавқеи барномаҳои назорати компютерӣ ва тестиронӣ дар таълими имрӯза;
3. Хусусиятҳои татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар таълими фанни математика;
4. Хусусиятҳои татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар таълими фанни математика ва хулосаҳо оид ба ин дарсҳо;
5. Мавқеи бозиҳои мултимедиавӣ дар ҷараёни таълим ва методикаи омӯзиши он барои донишҷӯёни ихтисоси методикаи таълими ибтидоӣ;
6. Натиҷаи назарсанҷии омӯзгорон ва донишҷӯён дар мавзуи «Маданияти иттилотии онҳо ва татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар таълим;
7. Муқоисаи тарзи анъанавӣ ва мултимедиавии таълим дар гурӯҳҳои озмоишӣ бо истифода аз журнали электронӣ ва таҳлили натиҷаҳо аз самаранокии татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ.

Дар асоси таҷрибаҳои гузашта амсилаи таълими имрӯзаро, ки таълими мултимедиавӣ ном дорад ва асоси онро ҳамбастагии таълими анъанавӣ ва технологияҳои мултимедиавӣ ташкил мекунад, пешниҳод мегардад.

Хулоса кардан метавон, ки довталаб дар таҳқиқот ба ҳадафи дар пеши худ гузоштташуда комёб шудааст, ки аз натиҷаҳои бадастомада мушоҳида мегардад.

Дар баробари муваффақиятҳо диссертант ба баъзе аз камбудиҳо роҳ додааст, ки характери тавсиявӣ доранд:

1. Хуб мебуд, агар диссертант дар кори таҳқиқотӣ аз адабиёти илмии олимони хориҷа, масалан, олимони берун аз ҳудуди Руссия низ истифода мебурд;
2. Хуб мешуд, агар диссертант таҳқиқотҳояшро дар Донишгоҳҳои дигари вилояти Хатлон низ мегузаронид.

Камбудиҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, аҳамияти илмии онро кам намекунанд, аз ин ҷиҳат меҳисобам, ки диссертатсияи Ибрагимов Одилжон

Комилжонович ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст. Дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Ибрагимов Одилжон Комилжонович дар мавзуи «Асосҳои методии татбиқи технологияҳои мултимедиавӣ дар ҷараёни таълим (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба бандҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ибрагимов О.К. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.п., мудири кафедраи
фанҳои табиатшиносӣ,
дақиқ ва риёзии Донишкадаи
энергетикии Тоҷикистон Гулмонов У.Р.

*Дурустии имзои Гулмонов У.Р.-ро тасдиқ менамоям.*
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДЭТ Каримов З.А.